**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» августи соли 2022, № 01 ш. Душанбе

Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои соли таҳсили 2022-2024

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Шурои олимони Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзодаро «Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои соли таҳсили 2022 - 2024» шунидаю баррасӣ намуда,

қарор кард:

1. Гузориши раиси Шурои олимони Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзода «Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои соли таҳсили 2022 - 2024» ба инобат гирифта шавад.

2. Ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои соли таҳсили 2022-2024 ба таври зайл тағйирот ворид карда шавад:

2.1. Калемуллоев Мунир Воҳидович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, бинобар сабаби ба вазифаи дигар гузаштанаш, аз ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ бароварда шавад.

2.2. Шамсов Илёс Сафарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, бинобар сабаби ба вазифаи дигар гузаштанаш, аз ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ бароварда шавад.

2.3. Солиҳов Давлат Қувватович – доктори илмҳои физика-математика, профессор, бинобар сабаби ба вазифаи дигар гузаштанаш, аз ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ бароварда шавад.

2.4. Икромов Раҷабалӣ Саидисломович – мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳ, бинобар сабаби ба вазифаи дигар гузаштанаш, аз ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ бароварда шавад.

2.5. Зоғакова Гурдофарид Исроиловна – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, бинобар сабаби ба вазифаи дигар гузаштанаш, аз ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ бароварда шавад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Раиси Шурои олимони Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» августи соли 2022, № 01 ш. Душанбе

Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои соли таҳсили 2022-2024

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Шурои олимони Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзодаро «Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои соли таҳсили 2022 - 2024» шунидаю баррасӣ намуда,

қарор кард:

1. Гузориши раиси Шурои олимони Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзода «Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои соли таҳсили 2022 - 2024» ба инобат гирифта шавад.

2. Ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои соли таҳсили 2022-2024 ба таври зайл тағйирот ворид карда шавад:

2.1. Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин – номзади илмҳои иқттисодӣ, дотсент бо назардошти ба вазифаи декани факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ таъйин шуданаш ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда шавад.

2.2. Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ – доктори илмҳои иқттисодӣ, профессор бо назардошти ба вазифаи декани факултети молиявию иқтисодӣ таъйин шуданаш ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда шавад.

2.3. Қодирзода Зафари Абдуламин – номзади илмҳои физика-математика, дотсент бо назардошти ба вазифаи декани факултети физика таъйин шуданаш ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда шавад.

2.4. Одиназода С.А.– номзади илмҳои физикаю математика, дотсент бо назардошти ба вазифаи декани факултети муштараки ДМТ бо МТО Белорус таъйин шуданаш ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда шавад.

2.5. Давлатов Мардихудо Ғозибекович – бо назардошти ба вазифаи мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳ таъйин шуданаш ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда шавад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Раиси Шурои олимони Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» августи соли 2022, № 01 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқи нақшаи кории Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2022-2023

Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳоди раиси Шурои олимон - ректори Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзодаро дар хусуси тасдиқи «Нақшаи кории Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» шунида ва баррасӣ намуда,

қарор кард:

1. Пешниҳоди раиси Шурои олимон – ректори Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзода дар хусуси тасдиқи «Нақшаи кории Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.
2. Нақшаи кории Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2022-2023 тасдиқ ва ба мавқеи иҷро вогузор карда шавад (Нақшаи корӣ дар ҳаҷми 7 саҳифаи чопӣ замима мегардад).
3. Раёсат, сохторҳои таркибии Донишгоҳ вазифадор карда шаванд, ки татбиқи амалии нақшаи мазкурро таъмин намоянд.
4. Котиби Шурои олимони Донишгоҳ вазифадор карда шавад, ки вобаста ба масъалаҳои дар нақша дарҷгардида ҷаласаҳои Шуроро ба роҳ монад.
5. Шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо (Ҳайдарова С.) вазифадор карда шавад, ки қарори мазкурро бо замимааш ба сохторҳои дахлдори Донишгоҳ ирсол намояд.
6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи раиси Шурои олимон Хушвахтзода Қ.Х. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» августи соли 2022, №01 ш. Душанбе

Дар бораи вазъи омодагии биноҳои маъмурию
таълимии Донишгоҳ дар соли таҳсили 2022-2023

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф. А. Қодирзодаро “Дар бораи вазъи омодагии биноҳои маъмурию таълимӣ ва хобгоҳҳои Донишгоҳ дар соли таҳсили 2022-2023” шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф. А. Қодирзода “Дар бораи вазъи омодагии биноҳои маъмурию таълимӣ ва хобгоҳҳои Донишгоҳ дар соли таҳсили 2022-2023” ба инобат гирифта шавад.

2. Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовинони ректор, садорати факултетҳо вазифадор карда шаванд:

2.1. дар соли нави таҳсил барои шароити мусоид фароҳам овардан мунтазам корбарӣ намоянд;

2.2. барои тозаю озода нигоҳ доштани биноҳои таълимӣ, утоқҳои корӣ, роҳравҳо ва истифода намудани таҷҳизотҳои Донишгоҳ мунтазам бо муҳассилин ва кормандон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронанд;

2.3. барои таъмин намудани ҳолатҳои бехатарӣ ва хабардор намудани муҳассилин ва кормандон корҳои фаҳмондадиҳӣ мунтазам гузаронида шавад;

2.4. барои таъмин намудани тартибот дар омаду рафти донишҷӯён марҳила ба марҳила дар биноҳои маъмурӣ ва таълимӣ турникетҳои замонавӣ насб карда шаванд.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф.А. Қодирзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» августи соли 2022, №01 ш. Душанбе

Дар бораи бо ҷои зист таъмин намудани донишҷӯён
дар хобгоҳҳои Донишгоҳ

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф. А. Қодирзодаро “Дар бораи бо ҷои зист таъмин намудани донишҷӯён дар хобгоҳҳои Донишгоҳ” шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард**:

1. Гузориши муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф. А. Қодирзода “Дар бораи бо ҷои зист таъмин намудани донишҷӯён дар хобгоҳҳои Донишгоҳ” ба инобат гирифта шавад.

2. Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовинони ректор, садорати факултетҳо вазифадор карда шаванд:

2.1. барои таъмин намудани тартибот дар омаду рафти донишҷӯён марҳила ба марҳила дар биноҳои хобгоҳҳо турникетҳои замонавӣ насб карда шаванд;

2.2. бахшҳои Донишгоҳ, садоратони факултетҳо, барои беҳтар намудани буду боши донишҷӯён дар хобгоҳ пайваста корбарӣ намоянд;

2.3. бо мақсади рушди ҳунарҳои мардумӣ миёни донишҷӯён дар ҳамкорӣ бо сохторҳои марбута курсҳои кутоҳи ҳунармандӣ, аз қабили дузандагӣ, заргарӣ, дуредгарӣ ва ғайраҳо бо фарогирии донишҷӯёни ятиму маъюбон ташкил карда шавад.

2.4. барои боз ҳам беҳтар намудани шароити зисту зиндагонӣ дар хобгоҳҳо озмуни умумиДонишгоҳҳии “Хобгоҳи беҳтарин”, “Мудири беҳтарин” ва амсоли онҳо ташкил ва баргузор карада шавад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф.А. Қодирзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» августи соли 2022, №01 ш. Душанбе

Дар бораи бо ҷои зист таъмин намудани донишҷӯён
дар хобгоҳҳои Донишгоҳ

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф. А. Қодирзодаро “Дар бораи бо ҷои зист таъмин намудани донишҷӯён дар хобгоҳҳои Донишгоҳ” шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф. А. Қодирзода “Дар бораи бо ҷои зист таъмин намудани донишҷӯён дар хобгоҳҳои Донишгоҳ” ба инобат гирифта шавад.

2. Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовинони ректор, садорати факултетҳо вазифадор карда шаванд:

2.1. барои таъмин намудани тартибот дар омаду рафти донишҷӯён марҳила ба марҳила дар биноҳои хобгоҳҳо турникетҳои замонавӣ насб карда шаванд;

2.2. бахшҳои Донишгоҳ, садоратони факултетҳо, барои беҳтар намудани буду боши донишҷӯён дар хобгоҳ пайваста корбарӣ намоянд;

2.3. бо мақсади рушди ҳунарҳои мардумӣ миёни донишҷӯён дар ҳамкорӣ бо сохторҳои марбута курсҳои кутоҳи ҳунармандӣ, аз қабили дузандагӣ, заргарӣ, дуредгарӣ ва ғайраҳо бо фарогирии донишҷӯёни ятиму маъюбон ташкил карда шавад.

2.4. барои боз ҳам беҳтар намудани шароити зисту зиндагонӣ дар хобгоҳҳо озмуни умумиДонишгоҳҳии “Хобгоҳи беҳтарин”, “Мудири беҳтарин” ва амсоли онҳо ташкил ва баргузор карада шавад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба иқтисод ва иҷтимоиёт Ф.А. Қодирзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» августи соли 2022 № 01 ш. Душанбе

Дар бораи фаъолияти Шурои ҳамоҳангсозӣ ва
ташхисии раёсати илм дар соли таҳсили 2021-2022

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи сардори раёсати илм Рустам Наботиро дар бораи «Фаъолияти Шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисии раёсати илм дар соли таҳсили 2001-2022» шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Ҳисоботи сардори раёсати илм Рустам Наботӣ «Дар бораи фаъолияти Шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисии раёсати илм дар соли таҳсили 2021-2022» қаноатбахш ҳисобида шавад.
2. Ба садорати факултетҳо ва кафедраҳои тахассусӣ супориш дода шавад:
2.1. рӯйхати мавзӯъҳои рисолаҳои хатм, магистрӣ ва докторантони Ph.D-ро то 10-уми декабри соли ҷорӣ ба Шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисии раёсати илм пешниҳод намоянд.
2.2. интихоби мавзӯъҳои рисолаҳои хатм, магистрӣ ва докторантони Ph.D-ро танҳо дар доираи мавзӯъҳои пажӯҳишии кафедраҳо ба роҳ монанд.
2.3. муаллифони рисолаҳои хатм ва магистрӣ бояд шахсан рисолаҳои худро барои аз ташхис гузаронидан пешниҳод намоянд.
2.4. бе маълумотномаи Шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисии раёсати илм рисолаҳои хатм ва магистриро барои ҳимоя иҷозат надиҳанд.
3. Аз ҷониби Раёсати Донишгоҳ барои санҷиши вазъи омода намудани рисолаҳои хатм, магистрӣ ва докторантони Ph.D дар ҳамаи факултетҳо комиссияи босалоҳият таъсис дода шавад.
4. Китобхонаи илмӣ ва Шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисии раёсати илм барои омодасозии номгӯйи электронии рисолаҳои хатм, дипломӣ ва магистрии солҳои қаблӣ чораандешӣ намояд.
5. Парки технологии Донишгоҳ маблағҳои аз ҳисоби ташхиси рисолаҳои хатм ва магистрӣ воридшударо барои пардохти харочоти такмили минбаъдаи барнома ва таъмини таҷҳизоти кории Шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисии раёсати илм ба нақша гирад.
6. Ба раёсати илм супориш дода шавад, ки нақшаи ташхиси рисолаҳои хатм ва магистриро барои соли таҳсили 2022-2023 таҳия ва тасдиқ намуда, ба садорати факултетҳо дастрас гардонад.
7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм Сафармамадзода С. М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ. Х.

И. в. котиби Шуро Шоимардонов С. Қ.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» августи соли 2022, № 01 ш. Душанбе

Оид ба таъсис, тасдиқи ҳайат ва Низомномаи Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ"-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Н.М.Собирзодаро "Оид ба таъсис, тасдиқи ҳайат ва Низомномаи Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ"-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" баррасӣ ва муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Пешниҳоди муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. «Оид ба таъсис, тасдиқи ҳайат ва Низомномаи Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ"-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.
2. Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ"-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шавад.
3. Низомнома ва ҳайати Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ"-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.
4. Раиси Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ"-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собирзода Н.М. вазифадор карда шавад:

4.1. бо мақсади амалӣ намудани Стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон" ки бо Фармоиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003 тасдиқ шудааст, лоиҳаи фармоиши таъсис додани Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ"-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро омода намуда ба ректор манзур намояд;

4.2. ҷиҳати омода намудани нақша-чорабинӣ ва дурнамои Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ" чораҳои зарурӣ андешида, дар кутоҳтарин муҳлат барои тасдиқ ба Шурои олимон пешниҳод намояд;

4.3. фаъолияти Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ"-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дар асоси талаботи Низомномаи Шурои "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ"-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" ба роҳ монад;

4.4. ташкили гурӯҳҳои коршиносон ва баррасии таклифҳо оид ба маблағгузорӣ барои рушди технологияҳои коммуникатсиониро ба роҳ монад;

4.5. ҳамкории муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ташкилотҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ассотсиатсияҳо, ширкатҳои мобилӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва марказҳои инноватсионӣ ба роҳ монад;

4.6. дар ҳолатҳои зарурӣ барои ҳамкорӣ мутахассисони соҳавиро ба ҷаласаҳои Шуро таклиф намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ректори донишгоҳ Хушвахтзода Қ.Х. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро — Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро — Шоймардонов С.Қ.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «30» августи соли 2022, № 01 ш. Душанбе

Оид ба зиёд намудани маоши
вазифавии омӯзгорон ва кормандони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳоди сардори раёсати муҳосибот С.Қ. Хайруллоевро «Оид ба зиёд намудани маоши вазифавии омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» шунида ва муҳокима намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Пешниҳоди сардори раёсати муҳосибот С.Қ.Хайруллоев «Оид ба зиёд намудани маоши вазифавии омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.
2. Тибқи муқаррароти боби III-и «Шартномаи коллективӣ байни Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи ДМТ барои солҳои 2022-2024» шурӯъ аз 01.09.2022 маоши вазифавии омӯзгорону кормандони донишгоҳ, Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳ, литсейи равияи табиатшиносию риёзӣ ба андозаи 10% аз ҳисоби маблағҳои махсуси Донишгоҳ зиёд карда шавад.
3. Раёсатҳои муҳосибот, кадрҳо ва корҳои махсус фармоиши ректори Донишгоҳро дар хусуси зиёд намудани маоши вазифавии омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия ва ба раёсати Донишгоҳ пешниҳод намоянд.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ректори донишгоҳ Хушвахтзода Қ.Х. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

И.в. котиби Шуро Шоймардонов С.Қ.